**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Султонмамади Гулмамад дар мавзуи: “Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 1.5.6. Биохимия.**

Даҳсолаҳои охир баъди ба даст овардани истиқлолият, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикисто як қатор корхонаҳои фармасевтӣ таъсис дода шуд, ки онҳо ашёи хомро аз дигар давлатҳо ворид мекунанд, чунки душвориҳо оид ба таъминот ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҷой доранд. Аз ин лиҳоз, растаниҳои эфмероидӣ, ки хусусияти шифобахши доранд то ин ҷониб омӯхта нашудаанд ва мавриди таҳқиқот қарор додани онҳо актуалӣ мебошад. Дар робита ба ин, ҳадафи таҳқиқоти гузаронидашудаи Султонмамади Гулмамад омӯхтани давраҳои нашвӣ, хосиятҳои физко химиявӣ, массаи биологӣ, ҷудо намудани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз таркиби растании сичи ҳисорӣ ва сичи калон вобаста ба давраҳои гуногун дар шароити гуногуни экологии мебошад.

Диссертант дар ҷараёни иҷрои корҳои илмӣ бори аввал аз таркиби растании сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus*) ва сичи калон (*E. robustus*) пайвастагиҳои фитохимиявиро ба монанди: равғани мумӣ, пайвастагии фенолӣ карбогидратҳоро ҷудо карда тағйирёбии онҳоро вобаста ба марҳилаҳо омухтааст. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ Султонмамади Гулмамад дар давоми солҳои 2017-2022 дар бисёр конфронсҳои байналмилалии илмӣ, дар кишварҳои гуногун гузориш дода баҳои мусбат гирифтааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 157саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, 4 боб, хулоса, пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот ва татбиқ иборат аст. Дар рисола 19 ҷадвал, 47 расм ва 2 диаграмма замима шудааст. Рӯйхати манбаъҳои адабиёти истифодашуда 234 номгӯй, аз ҷумла 70 муаллиф аз хориҷи дурро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки кори диссертатсионии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ», таҳқиқотӣ анҷомёфтаи илмӣ мебошад ва дар ҳаллу фасли маъсалаҳои тағйирёбии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сичи ҳисорӣ (E. hissaricus) ва Сичи калон (E. robustus) вобаста ба марҳилаҳо нақши боризе дорад, ки муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси, 3.01.04- Биохимия сазовор мебошад.

Новобаста аз арзишнокии таҳқиқот, дар кори илмии Султонмамади Гулмамад баъзе камбудиҳо ва хатогиҳо дида мешаванд:

1. Дар боби шарҳи адабиёт аз дастовардҳои олимони дохили кишвар кам истифода шудааст.

2. Дар матни рисола як зумра хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой дорад. Кори илмии Султонмамади Гулмамад дар асоси талаботи қоидаҳои ба расмият даромада таҳия гардидааст. Камбудиҳои дар автореферата диссертатсия ҷой дошта сатҳи буда ба баҳодиҳии умумии он монеа намешаванд

Маводи зиёд ва таҳлили пураи натиҷаҳои илмии ба даст овардаи диссертант Султонмамади Гулмамад, ки аз онҳо хулосаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ баровардан мумкин аст.

Хулоса кори илмии Султонмамади Гулмамад аз рӯйи муҳимият мақсаду вазифа, навгонии илмӣ аҳмияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда, интишорот ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Прездентти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, кори илмии мазкур ба ҳимояи асоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда**:
Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи
Хоҷагии ҷангал ва бунёди чаманзори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ширинхоҳ Шоҳтемур Нимадҷонова К.

**Суроға: ш. Душанбе н. Сино**
**кучаи Яккачинор 142 / 3 х. 44**

Имзои доктори илмҳои биологӣ, профессор
Нимадҷонова К.Н. ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи таиноти ҳуқуқи ва кадрҳоӣ
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

10. 03. 2026

Суроғаи муассиса:
734003, хиёбони Рӯдакӣ146,
шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992 - 37) 2247207; Факс: 992 - 37.
Email: rectortau31 @mail.ru//www. tajagroun.tj